Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-100
назди Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
(734055, ш. Душанбе, х. Борбад 48/5)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Барнои Файзи Тағоймуродзода дар мавзуи «Таъминоти методии ташкили контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит пешниҳод шудааст**

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллӣ фаъолияти самараноки низоми бонкӣ яке аз омилҳои калидии таъмини рушди устувори иқтисодӣ ба шумор меравад. Бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун институти асосии миёнаравии молиявӣ ҷараёни тақсим ва азнавтақсимкунии захираҳои молиявиро таъмин намуда, барои маблағгузории соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, бахусус бахши воқеии иқтисодӣ, заминаи мусоид фароҳам меоранд. Дар чунин шароит зарурати такмили усулҳои идоракунии фаъолияти бонкҳо, аз ҷумла татбиқи механизмҳои муосири идоракунии стратегӣ ва оперативӣ, аҳамияти махсус пайдо менамояд. Яке аз чунин механизмҳои муассири идоракунӣ контроллинг ба ҳисоб меравад, ки ҳамчун низоми ҳамоҳангсозии банақшагирӣ, ҳисобдорӣ, таҳлил ва назорат дар фаъолияти ташкилот амал мекунад. Маҳз ҳамин омилҳо муайян менамоянд, ки таҳқиқи масъалаҳои марбут ба таъминоти методии ташкили контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, аз ҷиҳати илмӣ хеле мубрам арзёбӣ мегардад.

Автореферати диссертатсия сохтори мантиқӣ дошта, мазмуни асосии таҳқиқоти илмии муаллифро инъикос менамояд. Дар он ҳадаф, вазифаҳо, объекти таҳқиқот, усулҳои илмии истифодашуда, инчунин натиҷаҳои асосии илмии бадастомада ба таври возеҳ пешниҳод шудаанд. Мундариҷаи автореферат нишон медиҳад, ки муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот ба таври системавӣ масъалаҳои назариявӣ ва амалии ташкили контроллинг дар бонкҳои тиҷоратиро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Дар боби якуми автореферат, ки ба масъалаҳои назариявии контроллинг дар низоми идоракунии ташкилот бахшида шудааст, муаллиф пеш аз ҳама заминаҳои таърихии пайдоиш ва ташаккули консепсияи контроллингро мавриди таҳлил қарор медиҳад. Дар ин

қисмат марҳилаҳои асосии инкишофи ин мафҳум дар адабиёти иқтисодӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ таҳқиқ гардида, хусусиятҳои ташаккули он дар шароити иқтисоди бозорӣ нишон дода шудаанд. Муаллиф инчунин се консепсияи асосии контроллинг – консепсияи идоракунӣ, ҳисобдорӣ ва иттилоотӣ – ро асоснок намуда, мавқеи онҳоро дар низоми идоракунии муосири ташкилотҳо муайян кардааст. Дар доираи ҳамин боб вазифаҳои контроллинг мавриди омӯзиш қарор гирифта, онҳо аз рӯи як қатор меъёрҳои илмӣ гурӯҳбандӣ карда шудаанд. Ҳамчунин, масъалаҳои марбут ба консепсия, намудҳо, принсипҳо ва вазифаҳои контроллинг мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф дар асоси таҳлили назарияҳои мавҷудаи илмӣ ва таҷрибаи идоракунии муосир моҳияти иқтисодии контроллингро муайян намуда, принсипҳои асосии фаъолияти он ва самтҳои татбиқи онро дар фаъолияти ташкилотҳо тавсиф кардааст.

Боби дуюми таҳқиқот ба масъалаҳои ҷанбаҳои ташкилӣ ва амалии контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ бахшида шудааст. Дар ин боб масъалаи ҳамоҳангсозии ҳадафҳои бонкҳои тиҷоратӣ дар доираи низоми контроллинг, роҳҳои баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳо бо истифода аз механизмҳои назорати мақсаднок ва масъалаҳои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар низоми контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ бахшида шуда, дар он нақши иттилооти ҳисобдорӣ дар қабули қарорҳои идоракунӣ асоснок карда шудааст.

Боби сеюми ба масъалаҳои такмили низоми контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ бахшида шудааст.

Натиҷаҳои илмии бадастомада, хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд. Онҳо метавонанд дар такмили низоми идоракунии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, инчунин дар таҳияи стратегияҳои рушди низоми бонкӣ истифода гарданд.

Бо вуҷуди арзиши илмии баланди таҳқиқоти анҷомдодашуда, дар автореферат баъзе масъалаҳое ба назар мерасанд, ки метавонанд дар корҳои минбаъдаи илмии муаллиф такмил дода шаванд:

- Аввалан, дар раванди таҳлили масъалаҳои марбут ба ҷорӣ намудани низоми контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ мувофиқи мақсад мебуд, ки таҷрибаи муқоисавии кишварҳои дорои низоми пешрафтаи бонкӣ васеътар истифода карда шавад.
- Дуюман, баъзе ҷанбаҳои марбут ба истифодаи технологияҳои рақамӣ ва воситаҳои муосири иттилоотӣ дар ташкили контроллинг дар

фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ метавонанд ба таври муфассалтар баррасӣ карда шаванд.

Бо вуҷуди ин эродҳои дорои хусусияти машваратӣ, онҳо арзиши умумии илмии таҳқиқоти анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсияи Барнои Файзи Тағоймуродзода ба талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмиро ба таври пурра инъикос менамояд. Муаллиф дар раванди таҳқиқот масъалаи муҳим ва мубрами илмиро ҳал намуда, натиҷаҳои бадастомада дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло метавон хулоса намуд, ки диссертатсияи Барнои Файзи Тағоймуродзода дар мавзуи «Таъминоти методии ташкили контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ» кори илмии анҷомёфта буда, ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

д.и.и., дотсент мудири кафедраи
менеҷменти байналмилалии Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодирова Г.Т.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33. АИДНПҶТ
Тел:88-111-77-41, E-mail: kodirovagulmo68@gmail.com

“Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсент Қодирова Г.Т. -ро тасдиқ мекунам”
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси
АИДНПҶТ Насурдинзода А.Н.